# ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН

**«Тасдиқ мекунам»**
**Ректори ДДМИТ**
**н.и.п., дотсент ________ Саттторзода Б.А.**
**«30» ___08___ соли 2025**

# Дастурамали вазифавии директори китобхонаи илмии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**Душанбе - 2025с.**

## 1. Директори китобхона

## Вазифаи хизматӣ

1.1.Фаъолияти китобхонаи илмиро ба мақсади васеъ намудани номгӯи хизматрасониҳои хонандагони китобхона, рушди иҷтимоию эҷодии китобхона, ташкилу такмил додани фонди он, ба роҳ мондани хизматрасонии китобдорӣ, иттилоотӣ, маълумотию - библографии хонандагон ба таъминоти илмию методиро дар китобхонаи илмӣ равона месозад:

1,2.Назорат ва муттаҳид кардани китобхонаи илмӣ ва электронии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисодии Тоҷикистон дар воҳиди томи сохторӣ, кӣ дар асоси фонди умуммӣ ва ягонагии ташкилию техникӣ фаъолият менамояд:

1,3.Қонунгузории Ҷумхурии Тоҷикистонро дар бораи фаъолияти китобдорӣ ва дигар санадҳои меъёрӣ ҳуқуқии ҶТ, санадҳои байналмиллалии ҳуқуқие, ки Тоҷикистон эътироф намудааст, тадбиқ менамояд:

1,4.Фаъолияти китобхонаи илмиро роҳбарӣ намуда кори ташкил ва ҳолатҳои ахборотӣ-библографии хонандагонро назорат менамояд:

1,5.Ташкили кори маҳзани ягонаи китоби китобхонаи илмӣ ва электронии донишгохро оид ба баланд бардоштани сифат ва истифодабарии онро такмил мдиҳад, барои дуруст нигоҳдорӣ ва пурракунии он шароитҳо фароҳам меорад:

1.6.Маблағи барои харидани китоб ҷуда карда шударо самаранок ва ба мақсад истифода мебарад:

1.7.Нақшаи корӣ ва ҳисоботи китобхонаи илмӣ, ҳисоботи оморӣ ва хаттии моҳона ва солонаро тартиб медиҳад ва дар вақти муқараршуда барои дида баромадан ва тасдиқ кардани он ба роҳбарияти донишгоҳ тасдиқ менамояд:

1.8. Бо мутахассисон таъмин намудан ва дуруст истифода бурдани донишу таҷрибаи кормандон, баланд бардоштани масъулият, малакаи касбии онҳо кушишҳо менамояд, ҷавобгарии онҳоро нисбат ба супоришҳои додашуда назорат мебарад ва чораҳо меандешад:

1.9.Ташкили кори меҳнат ва идоракуниро аз рӯи усулҳои илмӣ асоснок намуда такмил медиҳад ва дар амал ҷорӣ менамояд:

1.10. Тарғиби қонунгузории ҶТ, қонуни меҳнат, қоидаҳои муҳофизати меҳнат, техникаи бехатарӣ, риояи зидди сӯхтор инчунин аз тарафи кормандон риояи тартибу интизоми меҳнатиро ба ӯҳда мегирад ва назорат менамояд:

1.11. Ба ҳайати шӯрои илмӣ дохил шуда ва шӯрои китобхонаро ташкил намуда аз натиҷаи фаъолият ҳисобот медиҳад:

1.12. Китобхонаи илмӣ дар сохтори ДДМИТ тобеъ буда, директории китобхонаи илмӣ бе восита ба ректор ва мовини ректор оид ба илм итоат менамояд.

## 2. Китобдори калон оид ба шӯъбаи коркардабарории китобҳо ва захираҳои фонди китобӣ.

### Вазифаи хизматӣ.

2.1. Китобдори калони бахши пурракунӣ ва коркардабарории адабиётҳо ба кори ташкили коркардабарории адабиёт ба ҳолати феҳраст ва дар сари вақт иҷро намудани нақшаи корӣ ҷавобгар мебошад:

2.2. Бо пешниҳоди директории китобҳона дар асоси қонунгузории меҳнатии ҶТ ва ҷадвали сохтори донишгоҳ, ба кор таъин ва аз кор озод карда мешавад ва бе восита ба директори китобхона итоат менамояд:

2.3. Роҳбарии кори коркардабарории маҳзани ягонаи (китобии) китобхонаи илмии донишгоро ба ҷо меорад:

2.4. Ҷадвали кори киласфикатссияи адабиётро барои хонандагон аниқ мекунад ва тартиб медиҳад масъалаҳои картатекаи методиро ҳал менамояд таҳрир ва ташкили феҳрастҳои муратаби китобхонаи илмии донишгоҳро пеш мебарад:

2.5. Адабиётро ба соҳаҳои дониш ҷудо намуда, индекси карточкаҳои нашрӣ ва лоиҳаи карточкаи таҳрири китобҳоро аниқ менамояд:

2.6. Карточкаҳоро барои ҳамаи феристҳои китобхонаи донишгоҳ ба расмият медарорад:

2.7. Карточкаҳои феҳристҳои умумӣ таҳриркардашуда ва коркардашударо ба ҷо меорад:

а) фехрасти мураттаби китобхонаи илмии донишгоҳро ташкил менамояд:

б) ҳолатҳои феҳристи китобхонаҳои илмӣ ва электрониро тафтиш намуда кори таҳририро ба роҳ мемонад:

2.8. Таҷрибаи кори пешқадами системаи марказии коркардабарории адабиётҳо ва ташкили феҳристҳоро омухта ва дар амал ҷорӣ менамояд:

2.9. Китобдори калони гурӯҳи коркардабарорӣ ва пурракунӣ дар фаъолияти кори худ қарору қонунҳо, низомнома ва дастурамалҳо супоришу фармоишҳои донишгоҳ, директори китобхона, қоидаи муҳофизати меҳнат, бехатарии техникӣ ва зидди сӯхторро ба ӯҳда дошта дар асоси он кор мебарад.

### 3. Китобдори пурракунанда ва коркардбарории адабиёт. (китобшинос)

### Вазифаи хизматӣ

3.1. Ба ёрии пурракунии махзани ягонаи (китобии) китобхонаи илмӣ дастгоҳи маълумотдиҳиро тартиб медиҳад:

3.2. Библографияи умумии нашрияҳои даврӣ, ва дигар китобҳое, ки ба китобхонаи илмии донишгоҳ дохил шудаанд, тартиб медиҳад:

3.3. Китобҳои аз нав дохилшударо ба картодек ворид намуда маҳзани ягонаи фардиро пеш мебарад:

3.4. Адабиёти хориҷшударо аз маҳзани китобӣ дар асоси санад (ҳуҷҷат) аз қайди китобхона мебарорад:

3.5. Ба кормандони китобхонаи илмӣ, ёрии амалӣ расонида кортотекаи алифбоиро пеш мебарад:

3.6. Китобҳои бисёрнусхагии дохилшударо ба феҳристи алифбоӣ тафтиш мекунад ва ворид менамояд:

3.7. Ба китобҳои карточкаи нашрӣ надоштагӣ тасвири феҳристӣ навишта ва картатекаро тартиб медиҳад:

3.8. Ҳаҷми карточкаи даркориро муайян мекунад ва барои ҳамаи феҳристҳои китобхонаи илмӣ онро тайёр мекунад:

3.9. Карточкаҳои китобҳои бо санад хориҷкардашударо аз феҳристи марказӣ ҷудо менамояд:

3.10. Коркардабарории техникии адабиёти нав дохилшударо иҷро менамояд.

## 4. Китобдори калони бахши хизматрасонӣ

### Вазифаи хизматӣ

4.1. Оиди хизматрасонӣ ба хонандагон як соҳаи мустақили корро сарварӣ намуда (абономент, толори хониш), ба мазмун ва ташкили хизматрасонии хонандагон ва барои сари вақт иҷрошавии нақшаи корӣ ҷавобгар мебошад:

4.2. Қоидаҳои муҳофизати меҳнат, зидди сухторро ба роҳбарӣ мегирад:

4.3. Хизматрасонӣ ба хонандагон, профессорон ва устодон, магистрону донишҷӯёнро ба зима дорад:

4.4. Хонандагонро ба гурӯҳҳо ҷудо намуда, ҳайат, шавқу рағбат ва талаботи онҳоро омӯхта, тарзи хизматрасонии онро ташкил менамояд:

4.5. Дар рафти кор ба хониши фардии хонандагон роҳбарӣ менамояд, методҳои роҳбарии хониш, библиографӣ-тавсиявиро дар амал ҷорӣ менамояд:

4.6. Талаботи гурӯҳҳои хонандагони асосиро ба тезӣ таъмин менамояд, ба маълумотҳои умумӣ ва касбии худомӯзии онҳо ёрӣ мерасонад:

4.7. Тарғиботи омавии китобро ташкил мекунад:

4.8. Ба хонандагон хизматрасонии библиографӣ-маълумотдиҳии ахборотиро таъмин мекунад, донишгоҳи китобхонашиносӣ-библиографиро тарғиб менамояд:

4.9. Ҳисоботи кор бо хонандагонро мебарад, ба иҷрои нишондодҳои назоратӣ ҷавобгар мебошад:

4.10. Ҷамъи махзани китобиро меомузад, адабиёти кам истифодашуда, ғайрисоҳавӣ ва бисёрнусхагиро ошкор мекунад, фонди китобиро аз адабиёти мазмунан кӯҳнашуда ва дарида, тоза мекунад:

4.11. Дар нигаҳдорӣ ва муҳофизати махзани китобӣ ҷавобгар мебошад, ба мӯҳлати баргардонидани китобҳои аз тарафи хонандагон гирифташуда, назорат менамояд:

4.12. Ҷадвали кори китобдорони абонемент, толори хонишро тартиб медиҳад:

4.13. Қоидаҳои ҳифзи меҳнат, ҷавобгарии фонди китобӣ, бехатарии техникӣ ва зидди сухторро назорат мекунад:

4.14. Фаъолияти кори оид ба омӯхтан, ва дар амал ҷорӣ кардани таҷрибаи кори пешқадами Ҷумҳуриявиро омухта ҷамъбаст карда, дар кори амалии китобхонаи илмӣ амалӣ менамояд:

4.15. Мактаби таҷрибаи кори пешкадамро дар базаи китобхонаи илмӣ, электронӣ, ҷорӣ намуда барои расонидани ёрии амалӣ, саҳмгузор мебошад:

4.16. Барои баланд бардоштани донишгоҳи касбии кормандони китобхонаи илмӣ ва электронӣ, чорабиниҳо мегузаронад:

4.17. Бо роҳбарии директории китобхона ва раёсати илмӣ дар якҷоягии факултетҳо, созмони ҷавонони донишгоҳ, кафедраҳои донишгоҳ ташкил кардани конференсияҳо, намоишҳои китобӣ ва ғайраро дар доираи сӯҳбатҳо ташкил менамояд:

4.18. Дар корҳои тадқиқотии илмии китобхона марказҳои методӣ ва дараҷаҳои гуногун иштирок намуда, ҷамъбасти хулосаи тавсияномаи онҳоро дар кори амалӣ китобхонаи ДДМИТ ҷорӣ менамояд:

4.19. Иштирок намудан дар кори ташкилдиҳӣ ва коркардабарории низомнома, дастурамал ва дигар ҳуҷҷатҳои ба қойда даровардани кори китобхонаи илмии ДДМИТ иштирок мекунанд, дар кори ба накшадарории қисмҳои таркибӣ кӯмак мерасонад:

4.20. Дар тайёр намудани нақшаи корӣ ва ҳисоботи хаттии давраҳои ҷамбастии фаъолияти китобхонаи илмӣ ба директори китобхона кӯмак мерасонад.

## 5 Китобдори толори хониш

## Вазифаи хизматӣ

5.1. Ба хонандагон хизмат мерасонад, роҳбарии хониши онҳоро ба ҷо меорад, кори мукаммалкунии хизматрасониро беҳтар мекунад:

5.2. Хонандагони навро ба тарзи истифодабарии адабиёт дар китобхонаи илмӣ шинос менамояд:

5.3. Ҳайати хонандагон шавқу рағбат ва талаботи онҳоро меомӯзад:

5.4. Дар кори китобхона ба хонандагон дастури тавсиявӣ – бибилографӣ медиҳад, дар омӯхтани самаранокии онҳо (аз тарфи хонандагон ) иштирок мекунад:

5.5. Маҳзани ягонаи китобии китобхонаи донишгоҳро барои қонеъ гардонидани талаботи хонандагон истифода мебарад, дар асоси талабномаи хонандагон адабиёти лозимаро дастрас менамояд:

5.6. Дар гузаронидан ва тайёр кардани чорабиниҳои омавӣ иштирк менамояд:

5.7. Дар асоси баъзаи маҳзани китобии нашрҳои маълумотдӣ-библографии талаботи (библографии) хнандагонро ба ҷо меорад:

5.8. Дар кори ба хонандагон додан ахбори омавӣ гурӯҳи ва фардӣ иштирк мекунад:

5.9. Донишҳои китобхонавӣ - библографиро тартиб медиҳад ҳисоботи кори иҷрошудаи ҳаррузаро қайд намуда ҳисобот пешниҳод менамояд:

5.10. Дар ташкил додан фаъолни китобхона ҳисагузораст:

5.11. Дар кори маҳзани китобӣ иштирок мекунад:

5.12. Дар қабул кардани китобҳои нав дохилшуда хизмат мерасонад:

5.13. Дар хориҷ кардани китобҳои мазмунан кӯҳнашуда ва дарида, ҷудо кардани адабиёти зиёдатӣ, барои тартиб додани санд ба китобҳои хориҷкардашуда ва ғайра кӯмак мерасонад:

5.14. Дар нигоҳдорӣ ва муҳофизати махзани китобӣ ҷавобгар мебошад:

5.15. Ба коргардони китобхона доир ба масъалаи хизматрасонии хонандагон ёрии амалӣ мерасонад:

5.16. Риояи қоидаҳои муҳофизати меҳнат, бехатарии техникӣ ва муҳофизати зиддӣ сӯхторро назорат намуда, ҷавобгарии онро ба ӯҳда дорад.

## 6. Сармуттахасси китобхонаи электронӣ

### Вазифаи хизматӣ

6.1. Ҳолатҳои хизматрасонии китобхонаи электрониро меомӯзад, дар тартиб додани нақшаи ягонаи хизматрасонии китобхонаи электронии донишгоҳ иштирок менамояд:

6.2. Фаъолияти китобхонаи электрониро дуруст ба роҳ монда, амалӣ мекунад:

6.3. Бари ба шабакаи интернет ва китобҳои электронӣ таъмин намудани китобхонаи донишгоҳ саҳм мегузорад:

6.4. Ба истифодабарандагони китобхонаи электронӣ маълумоти библографӣ пешниҳод менамояд:

6.5. Ба истифодабарандагони китобхонаи электронӣ маводи китобхонаҳои оммавӣ ва соҳавӣ, бо системаи марказкунонӣ мутобиқ мекунад, нақшаи ягонаи кори китобхонаи электрониро тартиб дода ба директори китобхонаи илмӣ пешниҳод менемояд:

6.6. Нақша ва ҳисоботи умумии кори методии китобхонаи илмии донишгоҳро тартиб медиҳад:

6.7. Кори китобхонаи электрониро мунтазам таҳлил менамояд, таҳти назорат мегирад дар тартиб додани нақшаи кори солона ва ҳисоботи хаттии моҳҳонаи китобхонаи илмии ДДМИТ иштирок менамояд:

6.8. Тавсияҳои аз ҳайати илмӣ тасдиқшуда, самаранокии шакл ва методҳои роҳбарии хониш, тарғиботи китоб ва маводи электронӣ, хизматрасонии ахборотдиҳии библографии электрониро ба истифодабарандагон дар амал ҷорӣ менамояд:

6.9. Фаъолияти кори оид ба омӯхтан, ва дар амал ҷорӣ кардани таҷрибаи кори пешқадами Ҷумҳуриявиро ҷамъбаст карда, дар кори амалии китобхона истифода менемояд:

6.10. Мактаби таҷрибаи кори пешқадамро дар базаи китобхонаҳои ба китобхонаи электрони ҷорӣ намуда барои расонидани ёрии амалӣ, саҳмгузор мебошад:

6.11. Барои баланд бардоштани донишҳои касбии кормандони китобхонаи электронӣ, чорабиниҳо мегузаронад:

6.12. Бо роҳбарии директори китобхонаи илмӣ ва раёсати илм дар якҷоягии факултетҳо, созмони ҷавонони донишгоҳ, кафедраҳо ташкил кардани конференсияҳо, намоишҳои китобӣ сӯҳбатҳо ташкил менамояд:

6.13. Дар корҳои тадқиқоти илмии китобхона марказҳои методӣ ва дараҷаҳои гуногун иштирок намуда, ҷамъбасти хулосаи тавсияномаи онҳоро дар кори амалии китобхонаи илмии ДДМИТ ҷорӣ менамояд:

6.14. Иштирок намудан дар кори ташкилдиҳӣ ва коркардабарории низомнома, дастурамал ва дигар ҳуҷҷатиҳои барои ба низом даровардани кори китобхонаи илмии ДДМИТ иштирок мекунад, дар кори ба нақшадарории қисмҳои таркибӣ кумак мерасонад:

6.15. Дар пуракунии махзани маълумотдиҳии китобхона иштирок мекунад, интихоби маҷмӯи маводҳои мавзӯи кортетекаро ташкил мекунад, бо маводҳои айёнӣ ороиши китобхонаро таъмин менамояд, кори ахборотдиҳӣ ва маълумотдиҳӣ, феҳристӣ, масъалаи назариявӣ ва таҷрибаи кори китобхонашиносиро ба ҷо меорад.

**Маъмурияти китобхонаи илмӣ**